آوازتاجیک

Рўзнома аз соли
1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

22 марти соли 2023
Чоршанбе
№ 23 (14931)

e-mail:
ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ҶАШНИ ДЎСТДОШТАИ МАРДУМ

**21 март дар амфитеатри боғи «Янги Ўзбекистон» тантанаҳои ҷашнӣ бахшида ба Наврўз баргузор гардиданд.**






Бо фаро расидани баҳор, ки инсонро ба бозсозӣ, некӣ илҳомбахш мегардад, Наврўз – хабаррасони сулҳу осудагӣ омад, ки барои мардум хеле зарур аст. Дар атроф ҳама сабзпўшу гулпўш гардид ва бо чаҳ-чаҳи шўхи мурғакон лабрез гардид.

Дар ҳудуди боғ фазои ғайриодӣ бинобар анъанаҳои нек ҳукмфармост, ки бо ҷашни Наврўз вобаста мебошад, намоиши марказҳои милливу маданӣ ташкил гаштааст.

Иштирокдорони тантана Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёевро бо кафкўбӣ пешвоз гирифтанд.

Роҳбари давлат ҳамаро бо ҷашни Наврўз самимона табрик кард.

– Имрўз дар саросари мамлакатамон, дар водиву воҳаҳо, шаҳру деҳот, боғу хиёбонҳо бо тантанаи калон сайрҳои халқӣ ба амал меоянд, сайрҳое, ки ба Наврўз бахшида шудаанд. Дар ин лаҳзаҳои нафис, вақте ки шодмонӣ дар қалбҳоямон лабрез мегардад, тамоми ҳамватанонро аз хурд то бузург табрик намуда, бароятон эҳтироми амиқ ва беҳтарин таманноҳоямро иброз менамоям, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Наврўз – ҷашни қадимӣ ва ҷовидонаи инсоният. Бинобар резолютсияи Созмони Милали Муттаҳид аз 23 феврали соли 2010 дар тамоми ҷаҳон 21 март чун Рўзи байналхалқии Наврўз ҷашн гирифта мешавад.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРЎЗ

Ҳамватанони азиз!

Меҳмонони муҳтарам!

Дар ин рўзи фараҳбахш, ки бо шумо дар боғи бошукўҳи «Янги Ўзбекистон» қарор дорем, шумо, тамоми мардуми сермиллатамонро бо фарорасии иди Наврўз аз самими қалб табрик мегўям.

Имрўзҳо дар ҳама гўшаву канори кишварамон, дар водию воҳаҳо, шаҳру деҳот, дар боғу хиёбонҳо тантанаҳои идона – сайлҳо бахшида ба Наврўз баргузор мешаванд.

Дар ин лаҳзаҳои мафтункунанда, ки шодию хурсандӣ аз дилҳои мо лабрез мешавад, ба ҳамаи ҳамватанон, хурду калон, эҳтироми амиқ ва орзуҳои нек изҳор менамоям.

Аз рўи тақвими шарқӣ соли нав муборак бод!

Бигзор Наврўз ба ҳамаи мо хушбахтӣ ва саодат орад!

Дўстони азиз!

Имрўз ба сарзамини зархези мо Наврўз – ҷашни аҷиби бедории табиат, навсозӣ, меҳру шафқат фаро мерасад.

Боронҳои баҳорӣ ҳосили фаровон ва серию пурӣ ваъда дода, саҳрою боғҳоро саховатмандона шодоб гардонд.

Мо аз даргоҳи Худованди мутаъол шукр мегўем, ки боз ҳамроҳи мардуми худ ин ҷашни дурахшонро, ки ҳар як инсон як ҷузъи ҷудонашавандаи табиат буданашро боз ҳам бештар эҳсос мекунад, бо шодӣ пешвоз мегирем.

Муҳтарам иштирокчиёни тантана!

Имрўз ҳамаи мо ба хотири бунёди Ўзбекистони Нав – ҷомеа ва давлате, ки дар он инсон озоду обод зиндагӣ мекунад, фидокорона меҳнат мекунем.

Сохтмони Ўзбекистони Нав қарори қатъии тамоми халқи 36 миллионнафараи мост, ки мазмуни ҳаёти онҳо гардидааст. Ва ин ҳадафи наҷиб комилан бо фалсафа ва арзишҳои Наврўз созгор аст.

Зеро ҳадафи асосии мо таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ, шаъну шарафи ҳар як шаҳрванд, фароҳам овардани шароити муносиб барои тамоми сокинони кишвар, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдаст ва душворгузар аст, то ки мардуми мо аз зиндагии худ қаноатманд бошанд.

Дар ин роҳи муҳим мо татбиқи барномаҳои бузургеро, ки оид ба рушди ҳамаҷонибаи иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, илм, маориф ва тарбия, тандурустӣ, фарҳанг ва санъат, варзиш, ҷорӣ намудани тарзи ҳаёти солим, муҳофизати табиат оғоз кардаем, устуворона идома медиҳем.

Барои аз ҳар ҷиҳат шоиста шудани зиндагии мардуми Ўзбекистон мо аз таҷриба, хирад ва дуову фотиҳаҳои собиқадорон, падарону модарони гиромӣ қувваву неру мегирем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## БА КОРМАНДОН ВА ФАЪОЛОНИ НИЗОМИ МАҲАЛЛАИ ЎЗБЕКИСТОН

Ҳамватанони азиз!

Кормандон ва фаъолони муҳтарами низоми маҳалла!

Шумо ва дар шахси шумо тамоми мардуми бисёрмиллатро бо Рўзи кормандони низоми маҳалла, ки дар Ўзбекистон васеъ таҷлил мегардад, барои ҳамаатон эҳтироми калон изҳор намуда, самимона табрик менамоям.

Бешубҳа ҳамаи мо бо маҳаллаи худ ифтихор дорем, ки рамзи аслияти миллӣ, такягоҳи сулҳ ва дўстӣ, эҳтироми ҳамдигар ва мусолиҳа дар мамлакат ба шумор меравад.

Дар солҳои охир корҳои зиёде анҷом дода мешаванд, ки ба баланд бардоштани обрўйи институти маҳалла чун низоми нодири худидоракунӣ, ба «виҷдони халқ» табдил додан, вусъат додани ҳуқуқ ва ваколати он, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддиву техникӣ ва зарфияти кадрҳо нигаронда шудааст.

Он чиз қобили эътибор аст, ки ин кор ҳамзамон бо таъмини шуғл, мадади манзилнок ба эҳтиёҷмандони ҳимояи иҷтимоӣ – оила, занон, ҷавонон, солхўрдагон, таҳсили шаҳрвандон ба касбу соҳибкории замонавӣ, коҳиши қашшоқӣ ва инчунин чорабиниҳои маънавиву маърифатӣ анҷом дода мешавад.

Он чиз аҳамияти махсусро молик аст, ки низоми кор дар қисмати маҳаллаҳо ба ҳамаи соҳаҳо ва тамоми самтҳо васеъ татбиқ мегардад, сохтори муфид дар ҳайати раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли занон, пешвои ҷавонон ва инспектори профилактика тартиб дода шуда, ин дар навбати худ натиҷаҳои мусбӣ мебахшад. Далели тасдиқи инро дар мисоли дар маҳаллаҳо рушд намудани соҳибкорӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор, манбаи доимии даромад, минбаъд мустаҳкам намудани субот ва муҳити маънавӣ дар ҷамъият, коҳиш ёфтани ҷинояткорӣ дидан мумкин аст.

Танҳо соли гузашта бо ҳамдастии фаъолони маҳаллаҳо садҳо ҳазор шаҳрвандони бекор бо шуғл таъмин гардида, аз бештар аз 9400 маҳалла қариб дар 3 ҳазораш, ки аз миқдори умумӣ 31 фоизро ташкил менамояд, ба ягон ҷиноят роҳ дода нашудааст.

Ба туфайли корҳои созандагӣ оид ба ободонии маҳаллот, рушди инфрасохтори онҳо намуди мамлакат куллан тағйир меёбад, сифати ҳаёт ва дараҷаи маданияти аҳолӣ баланд мегардад. Бинобар ин бояд зикр кард, ки соли 2022 дар доираи барномаҳои «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод» ва ғайра аз буҷет 27 триллион сўм барои 4 ҳазор маҳалла барои ба амал татбиқ намудани корҳои доманфарох оид ба сохтмон ва ободонӣ ҷудо карда шуда, садҳо мактаб, кўдакистон, муассисаи тиббӣ сохта ва таъмир карда шуда, таъмини электроэнергия, оби ошомиданӣ, гази табиӣ, гармӣ ва фаъолияти низоми роҳу нақлиёт беҳтар гаштааст. Соли 2023 – Соли гиромидошти инсон ва сифати таълим боз барои 5800 маҳалла бо ин мақсад 30 триллион сўм ҷудо карда мешавад.

Аз ҳама муҳимаш фаъолнокии ҷамъиятии шаҳрвандонамон афзуда, дахлнокии онҳо ба тақдири маҳаллаи худ, Ватан зиёд мегардад. Бинобар ин татбиқи барномаи «Буҷети ташаббускор» аҳамияти муҳим касб менамояд. Дар асоси пешниҳодоте, ки дар доираи он иброз мегардад, бисёр масъалаҳои муҳиме, ки бо ҳаёти аҳолӣ иртибот дорад, сари вақт ва босамар ҳалли худро меёбад.

Ҳамватанони муҳтарам!

Минбаъд низ баланд бардоштани мақоми маҳалла дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар маркази диққати мо қарор хоҳад гирифт. Бо ин мақсад ба ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ҳуқуқи пешниҳод намудан ба сессияҳои Шўрои депутатҳои халқи ноҳияҳои худ, иштирок дар таҳия ва муҳокимаи лоиҳаҳои ҳалли онҳо вогузошта мешавад. Инчунин барои ифшо намудан ва бартараф сохтани мушкилоти иҷтимоӣ, ки бештар аз ҳама аҳолиро дар ташвиш мегузорад, таҷрибаи аз ҷониби раиси маҳалла баргузор намудани муҳокима, дар шўрои маҳалла ҳармоҳа шунидани хабари роҳбарони мақомот ва ташкилотҳои марбути давлатӣ роҳандозӣ мегардад, ки ҳамин тариқ институтҳои «назорати маҳалла» ва «дархости раиси маҳалла» ба вуҷуд оварда мешаванд.

Имсол ба тариқи озмоиш дар яке аз ноҳияҳои ҳар як вилоят низоми «Буҷети маҳалла» татбиқ гардида, дар ихтиёри маҳаллаҳо қисме аз андози мулк ва замин гузошта мешавад. Ин барои ҳалли мустақилонаи мушкилоти маҳалла дар ҳудудашон аҳамияти муҳим дорад. Дар вобастагӣ аз натиҷаи озмоиши мазкур мо дар бораи паҳн кардани он дар сар то сари ҷумҳурӣ андеша менамоем.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

***Бинобар ҷашни Наврўз, ки рамзи таҷдид ва эҳёи табиат буда, аз ибтидои соли нави тақвими шарқӣ далолат менамояд, ба номи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев аз роҳбарони давлат ва ҳукуматҳои хориҷӣ, роҳбарони ташкилотҳои маъруфи байналхалқӣ, арбобони шоистаи динӣ ва ҷамъиятӣ табрикот мерасанд, ки дар онҳо таманноҳои самимии сулҳу фараҳмандӣ ва шукуфоии халқи бисёрмиллати Ўзбекистон ифода ёфтаанд.***

**(Давомаш дар саҳ.2).**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ДАР ДАРАҶАИ БАЛАНД ҶАШН НАМУДАНИ МОҲИ МУҚАДДАСИ РАМАЗОН

Дар солҳои охир дар мамлакат бо мақсади сохтмони Ўзбекистони Нав ба хотири ҳаёти озод ва фараҳноки ҳар як шаҳрванд дар асоси ғояи шарафноки **«Ба хотири шараф ва қадри инсон»** ислоҳоти доманфарох дар ҳамоҳангӣ ва ҳамрангӣ бо пиндорҳои қадима ва азми халқамон ба амал татбиқ мегарданд.

Ба хотири ба ҳаёт татбиқ намудани ин вазифаи бузург мо пеш аз ҳама ба таърихи қадима ва маданияти ғанӣ, арзишҳои миллӣ ва динӣ, ки дар худ принсипҳои олии инсонпарвариро таҷассум намудаанд, такя менамоем. Хусусан, нақш ва аҳамияти моҳи шарифи Рамазонро дар ин самт бояд зикр кард, ки ҳамеша халқамон онро бо хушии зиёд ва ҳавасмандӣ истиқбол менамояд, ба мустаҳкам намудани муҳити сулҳ, дўстӣ, некӣ, шафқат ва меҳру эҳсон хидмат менамояд.

Бо мақсади муносиб истиқбол гирифтан ва баргузор намудани моҳи муқаддаси Рамазон, ки барои халқамон, мисли тамоми ҷаҳони ислом, рамзи некӣ ва шафқат, саховат, меҳру эҳсон ба шумор меравад, инчунин ҳифзи эҳтиёткорона ва эҳтироми арзишҳои диниву маърифатӣ ва маданиамон мебошанд:

1. Хабари Идораи мусулмонони Ўзбекистон дар бораи ба **23 марти** соли 2023 мувофиқ омадани оғози моҳи шарифи Рамазон ба ҷойи маълумот қабул карда шавад.

2. Шўрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумита оид ба корҳои дин ва ташкилотҳои шарик чорабиниҳоро доир ба баргузор намудани моҳи Рамазон бинобар **анъана ва арзишҳои миллӣ дар дараҷаи муносиб** ба амал татбиқ намоянд.

Ба ташкил намудани чорабиниҳо дар минтақаҳо, ки ба моҳият ва муҳтавои моҳи Рамазон бадал гардидани чунин сифатҳо, **мисли инсонпарварӣ, бузургдошти шараф ва қадри инсон, некӣ, шафқат ва саховат, ки ба қадр карда тавонистани ҳаёти имрўзаи осудаву фараҳнок, дар хонавода ва маҳаллаҳо, дар тамоми мамлакат мустаҳкам намудани муҳити некӣ ва эҳтироми ҳамдигар, дастгирии ҳамаҷонибаи шаҳрвандони камтаъмин, аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманд нигаронда шудааст**, эътибори алоҳида дода шавад.

3. Ба Телерадиокомпанияи Ўзбекистон, Агентии иттилоотии миллии Ўзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан намудани чорабиниҳое, ки бо мурур намудани моҳи Рамазон иртибот доранд, тавсия карда шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон М. М. Комилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,
21 марти соли 2023.*

# СУХАНИ ТАБРИКИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ТАНТАНАҲО БАХШИДА БА ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Меҳнати фидокоронаи халқи мо, дастгирии онҳо аз рафти ислоҳот барои мо такягоҳ дар роҳи ба пояи нави боз ҳам баландтар бардоштани рушди миллӣ мебошад.

Дар ин рӯзи фархунда ба ҳар яки шумо барои хидматҳои шоистаатон дар рушди кишвар аз таҳти дил ташаккур мегӯям.

Итминон дорам, ки шумо бо нишон додани маданияти баланди сиёсӣ дар чорабинии муҳими сиёсии дар пешистода фаъолона иштирок намуда, дар фароҳам овардани заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ барои таҳкими натиҷаҳои бадастоварда ва идомаи собитқадамонаи ислоҳот саҳм мегузоред.

Мо ба деҳқонону фермерони моҳирамон, ки имрӯзҳо ба қадри ҳар як рӯзу соати зебои баҳор расида, ба саҳро мебароянд, орзуҳои нек баён мекунем.

Ҳамаи мо ба бунёдкорони Ўзбекистони Нав — ҷавонписарон ва духтароне, ки сафҳои моро бо орзую умеди калон пур мекунанд, самимона салом мерасонем, ба онҳо хушбахтӣ ва муваффақиятҳо орзу менамоем.

Бори дигар таъкид кардан мехоҳам, ки мо барои ба зинаҳои баланд расидани ҷавонони баркамол, соҳибмаълумот, фаъолу пурқуввати кишвар тамоми шароиту имкониятҳоро фароҳам меорем.

Ҳамаи мо аз он хеле шодем, ки насли ҷавони мо ба боварии халқ сазовор шуда, муваффақиятҳои калон ба даст оварда истодааст.

Чанд рӯз қабл мунтахаби ҷавонони оид ба футболи Ўзбекистон дар муборизаи оштинопазир азму иродаи қавӣ ва маҳорат нишон дода, сазовори унвони фахрии чемпиони Осиё шуд. Он инчунин ба чемпионати ҷаҳон, ки дар Индонезия барпо мегардад, роҳхат гирифт.

Дар баробари ин мунтахаби ҷавонони Ўзбекистон оид ба хоккейи то 18-сола дар мусобиқоти чемпионати Осиё бар ҳамаи рақибонаш пирӯз шуд. Бешубҳа, хоккейбозони мо, ки дар таърихи мамлакат бори аввал ба чунин натиҷаи баланд ноил гардиданд, сазовори эътирофи махсус мебошанд. Ҳамлагари боистеъдоди мо Ҷасурбек Рустамхонов, ки ба дарвозаи ҳарифонаш чордаҳ шайба зад, қаҳрамони ҳақиқии чемпионат гардид.

Ва шатранҷбозони ҷавони кишвар бо неруи бузурги зеҳнии худ Ўзбекистонро дар тамоми ҷаҳон шуҳратманд мекунанд.

Махсусан қайд кардан мехоҳам, ки дар мусобиқаи байналхалқии шоҳмотбозӣ байни бонувон, ки чанде пеш дар Тошканд баргузор гардид, варзишгари боистеъдоди мо Нилуфар Ёқуббоева аз беш аз 100 нафар иштирокчиёни хориҷӣ пеш гузашта, ҷои дуюмро ишғол намуд.

Ҷавонписарону духтарони мақсаднок бо муваффақиятҳои умедбахши худ бори дигар равшан нишон доданд, ки ҷавонони Ўзбекистон ба чӣ гуна корнамоиҳои бузург қодиранд.

Онҳо дар соҳаҳои илм, маданият, санъат ва адабиёт ба ҳамин гуна натиҷаҳои муҳим ноил мегарданд.

Чемпиону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалӣ, тренерҳову мураббиёни онҳо, падару модарон, тамоми дӯстдорони варзиш, тамоми халқи моро самимона табрик мегӯям.

Албатта, ин дастовардҳои дурахшони ҷавонон барои ҳамаи мо ба ҷашни Наврӯз туҳфаи олиҷаноб гардиданд.

Чунин ғалабаҳо, албатта, обрӯи Ўзбекистони Навро боз ҳам баланд мебардорад.

Ўзбекистони Нав дар ҳақиқат ба чунин ҷавононе эҳтиёҷ дорад, ки омодаанд баҳри Ватан корнамоиҳо нишон диҳанд, ки барои миллионҳо ҳамсолони худ намуна шуда метавонад.

Мамлакат ва халқ бо насли ҷавони худ — давомдиҳандагони сазовори кори неки аҷдоди бузургамон, ки дар тамоми ҷаҳон машҳуранд, ба таври ҳаққонӣ фахр мекунанд.

Ташаккур ба шумо фарзандони азизам! Бигзор ҳамеша дар роҳи ҳаётатон комёбӣ ва бурдбориҳо ҳамроҳатон бошад.

Ҳамватанони азиз!

Суханони шоир ва мутафаккири бузург Алишери Навоӣ **«Ҳар рӯзатон мисли Наврӯз бод!»**, ки ба инсоният, мо – авлодон муроҷиат карда гуфтааст, ба ҳамагон маълум аст.

Ба ин паймони хирадмандона пайравӣ намуда, дар асоси анъанаҳои наҷиби халқамон, аз қабили эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ ба хурдсолон, ёрию дастгирӣ ба ниёзмандон, мо на танҳо дар Наврӯз, балки ҳамеша, ҳамарӯза корҳои хайру савобро ба анҷом расонем.

Имрӯз мо дар Ўзбекистон давлати иҷтимоӣ ва дарҳақиқат халқиро ба вуҷуд оварда истодаем, ки дар он меҳру шафқат, саховатмандӣ, эҳтироми ҳамдигар ва ҳамфикрӣ меъёри ҳаёт мегардад. Бо ин мақсад ҳамаи шумо, пеш аз ҳама роҳбарону мансабдоронро даъват менамоям, ки боз ҳам самарабахштар амал кунед.

Мо бояд боварӣ ҳосил кунем, ки ҳар як фарди аз қадимулайём бо арзишҳои маънавӣ ва инсонпарварии худ шуҳратёфтаи кишварамон таваҷҷуҳ ва ғамхории мардум ва давлатро ҳамаҷониба ҳис кунад.

Дӯстони азиз!

Имсол Наврӯз ба замони хосса рост меояд, ки дар пайи он чанд сана ва рӯйдодҳои муҳиме фаро мерасад.

Дар ин рӯзҳо мо дар арафаи моҳи шарифи Рамазон қарор дорем. Бо истифода аз фурсат, аз самими қалб мусулмонони кишвар, тамоми умммати исломи ҷаҳонро табрик мегӯям.

Худованди мутаъол ба тамоми корҳои хайре, ки дар ин моҳи шариф анҷом дода мешавад, баракат диҳад ва андешаҳои поки мо таҷассум ёбад.

Ҳамаи шумоёнро бо Рӯзи кормандони низоми маҳалла, ки фардо дар кишвар таҷлил мегардад, табрик мегӯям.

Дар солҳои истиқлолият Наврӯз барои мо ба ҷашни аҷиби дӯстиву рафоқат мубаддал гашт, ки он ҳамаи сокинони кишварро ҳамчун як оилаи ягона, дар сулҳу амонӣ ва ризоияти намояндагони миллату халқиятҳои гуногун боз ҳам бештар муттаҳид сохт ва мо ба ин баҳои баланд медиҳем. Мо ин сарвати нодиру бебаҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз мекунем.

Боиси хушнудист, ки ин ҷашн, ки рамзи сулҳу таҳаммул аст, тибқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид санаи 21-уми март ҳамчун Наврӯзи байналмилалӣ ба таври васеъ таҷлил мегардад.

Аз фурсат истифода бурда, мо сафирони муҳтарами давлатҳои хориҷӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалиро, ки дар ҷашни имрӯзаи мо иштирок доранд, самимона истиқбол намуда, ба кишварҳо ва халқҳои онҳо орзуҳои нек баён мекунем.

Ҳамватанони азиз!

Бори дигар ҳамаи шумоёнро бо ҷашни миллии Наврӯз табрик мегӯям.

Бигзор Наврӯз ба ҳар як хонадон, ҳар як маҳалла, ба тамоми мардуми мо сулҳу оромӣ ва файзу баракат биёрад!

Бигзор Худованди мутаъол моро дар ҳама иқдомҳои некамон дастгирӣ кунад!

Бигзор Ўзбекистони маҳбубамон гулгул шукуфад, халқамон хушбахт бошад!

Иди Наврӯз ба ҳамаатон муборак бошад!

# БА КОРМАНДОН ВА ФАЪОЛОНИ НИЗОМИ МАҲАЛЛАИ ЎЗБЕКИСТОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Хуллас, мо барои он ки маҳалла такягоҳи ҷамъияти шаҳрвандӣ, воқеан низоми халқӣ гардад, ҳама корро анҷом медиҳем.

Дӯстони азиз!

Дар ин рӯзҳои шодон, вақте ки дар мамлакатамон нафаси Наврӯз эҳсос мегардад, дар шаҳру деҳот, авулу маҳаллот ҳашарҳои халқӣ ба вуқӯъ мепайвандад, инчунин корҳои зиёди ободонӣ ва кабудизоркунӣ ба амал меоянд. Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» миллионҳо бех ниҳол шинонда шуда, боғу роғҳои нав ба вуҷуд меоянд.

Мо ҳаёти имрӯзаи озоду обод ва оромро қадр менамоем, чӣ дар маҳаллаҳо ва чӣ дар тамоми мамлакат кор дар бобати мустаҳкам намудани муҳити дӯстӣ ва мусолиҳаи байнимиллӣ, некӣ ва шафқат, аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намудани одамони солхӯрдаи танҳо, оилаҳои камтаъмин, шахсони ногиро, тамоми онҳое, ки ба мадад ва ғамхорӣ эҳтиёҷ доранд, пурзӯр мегардад.

Аз фурсат истифода намуда ба оқсақол ва фаъолони шуҷоатманди маҳаллаҳо, ки чунин фаъолияти шарафнокро ташкил менамоянд, ҳамаи ҳамватанонамон, ки бо меҳнати хастанопазир ба рушди мамлакат саҳми бузург мегузоранд, миннатдории самимӣ изҳор менамоям.

Минбаъд барои ободонӣ ва таъмини ҳаёти фараҳнок дар маҳаллаҳоямон мо ба қувва ва неру, дониш ва таҷриба, зарфияти созандагии шумо такя хоҳем кард. Чунки барои мо маҳалла, ки дар он ҷо овоз ва фикри мардум аҳамияти ҳалкунанда дорад, пойгоҳи мустаҳками сохтмони Ўзбекистони Нав ба шумор меравад.

Шуморо, азизони ман, бо ҷашни имрӯза, Наврӯзе, ки дар мамлакат ҳанӯз идома дорад ва оғози моҳи шарифи Рамазон аз таҳти дил табрик менамоям.

Барои ҳамаатон тансиҳатии комил ва дар фаъолияти бисёрҷанба ва масъулиятнокатон тавфиқ, ба хонаводаҳоятон бахт ва фароҳмандӣ орзу дорам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ҶАШНИ ДӮСТДОШТАИ МАРДУМ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар ҷаҳон ҷашнҳо зиёданд, аммо чаро маҳз соли нави тақвими шарқӣ – ҷашни дӯстдоштаи мардумамон Наврӯз – арзиши тамоми инсоният гардид? Чунки аз қадим, ҳанӯз аз даврони ниёгонамон, ин ҷашн таҷассумгари сулҳ ва салоҳ, таҳаммулпазирӣ ва баробарӣ, муҳаббат ба наздикон ва табиат буд.

Дар мамлакатамон корҳои доманфарох доир ба баланд бардоштани шараф ва арзиш, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар нафар, ба вуҷуд овардани шароити муносиб барои аҳли тамоми шаҳру ноҳияҳо ба амал меоянд. Иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ аз ҳар ҷиҳат инкишоф ёфта, ба илм, таълим, тандурустӣ, маданият ва варзиш эътибори калон дода мешавад.

Бо мақсади идома додани ин кор соли ҷорӣ Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» қабул гаштааст.

– Барои он ки ҳаёти мардуми Ўзбекистонро аз ҳар ҷиҳат муносиб гардонем, ба мо таҷриба, хирад ва дуои собиқадорони муҳтарамамон, падарон ва модарони соҳибэҳтироммамон, ки аз таҷрибаашон мо неру мегирем, мадад мерасонад. Меҳнати шуҷоатноки мардумамон, роҳи ислоҳотро дастгирӣ намуданашон бароямон дар бобати ба дараҷаи нав ва боз ҳам баландтар бардоштани рушди миллӣ такягоҳ мегарданд, – таъкид кард Президент.

Роҳбари давлатамон ба ҳар як ҳамватанамон барои меҳнати муносибаш ба хотири мамлакат миннатдорӣ изҳор намуд. Боварӣ изҳор гардид, ки дар рӯйдоди моҳи оянда, ки аз нигоҳи сиёсӣ муҳим мебошад, шаҳрвандон маданияти баланди сиёсӣ зоҳир менамоянд.

Инчунин муваффақияти деҳқону фермерон, варзишгарон ва ҷавонони мамлакатамон зикр гардид.

Таъкид шуд, ки корҳои неке, ки ба анъанаҳои шарафноки халқамон асос меёбанд, нафақат зимни Наврӯз, балки ҳамеша, ҳар рӯз бояд ба вуқӯъ пайвандад.

– Имрӯз мо дар Ўзбекистон давлати иҷтимоӣ ва воқеан халқиро ба вуҷуд меорем, ки некӣ ва шафқат, меҳрубонӣ, эҳтироми ҳамдигар ва мусолиҳа меъёри ҳаёт мегарданд. Мо бояд ба он муваффақ гардем, ки ҳар як кас дар мамлакатамон, ки аз қадим бо арзишҳо ва инсонпарварии маънавияш маъруф аст, воқеан ғамхории халқ ва давлатро эҳсос намояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Президент мусулмонони мамлакатамон, тамоми умммати исломи ҷаҳонро бо фаро расидани моҳи Рамазон табрик кард.

Роҳбари давлат сафирони давлатҳои хориҷӣ, намояндагони ташкилотҳои байналхалқиро самимона истиқбол намуда, ба мамлакат ва халқҳои онҳо орзуҳои нек баён кард.

Инчунин ба муносибати Рӯзи ходимони низоми маҳалла, ки 22 март ҷашн мегардад, ба фаъолон, оқсақолон, ёварони ҳокимон ва пешвоёни ҷавонони ин соҳа табрик арз гардид.

Ҷашн бо консерти калони идона идома ёфт. Баромади дастаҳои фолклориву этнографӣ ва ҳунарпешагон, бозиҳои миллӣ ва аския ба ҳамагон кайфияти хуш эҳдо намуд.

Дар чорабинӣ аъзои ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, парлумон ва ҳукумат, меҳмонон аз минтақаҳои мухталифи мамлакат, вакилони ҳайатҳои дипломатие, ки дар мамлакатамон фаъолият доранд, иштирок доштанд.

Пас аз тантанаҳо Президент Шавкат Мирзиёев аз намоиши марказҳои миллӣ-маданӣ ва ҳунармандии халқӣ дидан намуд. Бо боздидкунандагони боғ суҳбат карда, онҳоро бо ҷашн табрик намуд.

Наврӯз ҷашни дӯстдоштаи тамоми халқу миллатҳое гардид, ки дар мамлакатамон сукунат доранд. Дар сайл мусолиҳа ва дӯстии байнимиллие, ки дар мамлакатамон ҳукмфармо мебошад, равшан зоҳир гардид.

Ҷашни Наврӯз дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, марказҳои вилоятҳо, ноҳияҳо, деҳоту авул идома дорад.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

### Ба Аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи ҳукумат ва мардуми Чин, инчунин аз номи худам Шумо ва мардуми кишваратонро бо ҷашни анъанавии Ўзбекистон – Наврӯз муборакбод намудан ба ман қаноатмандии бузург мебахшад.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои дӯстона ва судманди мо дар ҷараёни сафари давлатии ман ба Ўзбекистон моҳи сентябри соли гузашта мо изҳороти муштарак қабул кардем, ки ба рушди минбаъдаи шарикии стратегии байни кишварҳоямон мусоидат намуда, ба манфиатҳои халқҳоямон хизмат мекунад ва дурнамои рушди вусъат додани ҳамкории дутарафаро муайян намуд.

Ман ба рушди муносибатҳои Чину Ўзбекистон эътибори калон медиҳам. Ман иштироки Шуморо дар нахустин нишасти сарони «Чин ва Осиёи Марказӣ», ки моҳи майи соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст ва сафари давлатии шуморо ба Чин бесаброна интизорам.

Итминон дорам, ки гуфтугӯҳои мо бо Шумо оид ба дурнамои равобити Чину Осиёи Марказӣ ва нақшаҳои бузурги ҳамкории дуҷонибаи кишварҳои мо ҳамкории Ўзбекистону Чинро ба сатҳи баландтар мебардоранд.

Аз фурсат истифода бурда, ба Ҷаноби Олӣ саломатии бардавом ва дар кори масъулиятнокатон муваффақиятҳои калон орзу менамоям.

Бигзор халқи Ўзбекистон ҳамеша хушбахту осуда бошад!

*Бо эҳтиром,*

**Си СЗИНПИН,**
**Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин**

***

### Ба Аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам ҷаноби Президент!

Аз номи мардуми Амрико ба шумо ва мардуми Ўзбекистон таманнои беҳтаринро барои фарорасии Наврӯзи хушбахтона ва осоишта мерасонам.

Дар давоми як соли охир Ўзбекистон ва Иёлоти Муттаҳида барои ҳалли мушкилоти умумӣ ва мусоидат ба амният ва шукуфоии халқҳои кишварҳоямон муттаҳид шуданд. Дар ин мавсими мулоҳиза ва навсозӣ, Иёлоти Муттаҳида бори дигар садоқати худро нисбат ба мардуми Ўзбекистон собит мекунад. Ва ҳангоме ки мо оғози навро ҷашн мегирем, ман ба шарикии стратегии байни кишварҳоямон ва дӯстии байни халқҳоямон умед дорам, зеро мо барои ноил шудан ба ояндаи умумии сулҳу фаҳмиши бештар якҷоя саъй дорем.

Иди Наврӯз муборак!

*Бо эҳтиром,*

**Ҷозеф БАЙДЕН,**
**Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Самимитарин табрикот ва беҳтарин таманноҳои маро ба Шумо ва тамоми мардуми Ўзбекистон бинобар ҷашни Наврӯз қабул фармоед.

Халқҳои бародари мо ин ҷашни арзишманди қадимиро чун пирӯзии ҳамоҳангӣ ва ягонагӣ, таҷассуми некии беғараз ва бахт бо гармии махсус истиқбол менамоянд. Бигзор, рӯзҳои равшани Наврӯз моро гармӣ бахшад, ба давлатҳои муттаҳидамон фараҳмандӣ ва фаровонӣ ато намояд.

Боварӣ дорам, ки ба шарофати кӯшишоти муштарак шарикии стратегӣ ва иттифоқии Қазоқистону Ўзбекистон, ки ба дӯстии мустаҳкам ва некҳамсоягӣ асос меёбад, минбаъд низ ба хотири халқҳои қаринамон муттасил инкишоф меёбад.

Аз ин имконот истифода бурда, муҳтарам Шавкат Миромонович, ба Шумо дар тамоми корҳоятон ба хотири ояндаи дурахшон ва шукуфони Ўзбекистон тавфиқ мехоҳам, ба халқи Шумо бахт ва фараҳнокиро таманно дорам.

Бигзор, Наврӯз ба ҳар як хонадон фаровонӣ ва шукуфоӣ биёрад!

*Бо эҳтиром,*

**Қосим-Ҷомарт ТОҚАЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз таҳти дил Шуморо бо ҷашни Наврӯз табрик менамоям.

Бигзор, ҷашни Наврӯз, чун рамзи оғози соли нав, ки ба сулҳу ваҳдат ҳидоят менамояд, ба халқҳои бародарамон некӣ ва фараҳмандӣ биёрад.

Боварӣ дорам, ки имсол барои давлатҳоямон соли инкишоф хоҳад гардид. Бигзор, муносибати бисёрҷанбаи байни Қирғизистон ва Ўзбекистон, ки ба арзишҳои муштараки маънавӣ ва дӯстӣ ва инчунин шарикии стратегӣ асос меёбад, муттасил инкишоф ёбад.

Муҳтарам Шавкат Миромонович, бароятон тансиҳатии мустаҳкам, дар кори давлатӣ тавфиқ, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳу ояндаи дурахшонро орзу дорам.

*Бо эҳтиром,*

**Садир ЖАПАРОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Таманноҳои некамонро изҳор дошта, Шумо ва халқи дӯсти мамлакататонро бо фарорасии ҷашни байналхалқии Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Сарманшаи маънавии созандагӣ ва ғояҳои ин ҷашни аз даври бостон эъзозшаванда дар шароити мураккаби ҷаҳони имрӯз аҳамияти махсус касб менамояд.

Анъанаҳои дӯстӣ ва бародарӣ, ҳусни тафоҳум, эҳтиром ва дастгирии тарафайн, ки хоси Наврӯз мебошад, имрӯз моро ҳидоят менамояд, ки барои кӯшишоти муштараки ҳамаҷониба ба хотири минбаъд мустаҳкам намудани сулҳ, фараҳмандӣ ва таъмини ояндаи беҳтарин барои мардумонамон саҳм гузорем.

Боварӣ дорам, ки мамлакатҳоямон бо умед ва ормонҳои нав, ба арзишҳои дурахшони Наврӯз азм намуда, минбаъд низ муносиботи дӯстонаи некҳамсоягӣ ва ҳамкории муфиди тарафайнро дар чорчӯбаи шарикӣ ва иттифоқгарии стратегӣ вусъат бахшида, инкишоф медиҳанд.

Дар ин рӯзҳои шодмони баҳорӣ ба Шумо, муҳтарам Шавкат Миромонович, тансиҳатии мустаҳкам ва муваффақиятҳои нав, барои халқи бародари Ўзбекистон осоиштагӣ, фараҳмандӣ ва шукуфоии устуворро орзумандам.

Наврӯз муборак!

*Бо эҳтиром,*

**Эмомалӣ РАҲМОН,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз он ки ба Шумо ва тамоми мардуми бародари Ҷумҳурии Ўзбекистон самимитарин табрикот ва беҳтарин орзуҳоро бинобар Ҷашни байналхалқии Наврӯз ирсол менамоям, мушаррафам.

Наврӯз чун қосиди эҳёи табиат, таҷдид ва созандагӣ дар худ арзишҳои умумиинсонӣ – сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ ва некҳамсоягиро таҷассум намудааст. Ин ҷашн чун арзиши муштараки мо, дар қаринсозии халқҳо нақши муҳим дорад ва барои мустаҳкам намудани муносиботи байнидавлатии боэътимод мусоидат менамояд.

Бигзор, ин ҷашни дурахшон барои Шумо ва тамоми халқи мамлакати Шумо хушӣ, бахт ва фароҳафзоӣ ато намояд!

*Бо эҳтироми амиқ,*

**Сердар БЕРДИМУҲАМЕДОВ,**
**Президенти Туркманистон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Муҳтарам Шавкат Миромонович!

Аз номи худ ва аз номи мардуми Озарбойҷон, Шумо ва халқи бародари Ўзбекистонро бо фаро расидани ҷашни Наврӯз самимона табрик менамоям.

Ин ҷашни миллӣ, ки ифодагари эҳтиром ба қоидаи ҷовидонаи табиат мебошад, саҳми арзишманди халқҳоямон ба фарҳанги инсоният ба шумор меравад. Чун рамзи навгонӣ, тозагӣ ва зебоӣ ин ҷашн қалбҳои одамонро ба ҷӯш оварда, ҳусни тафоҳум, дӯстӣ ва ягонагиро бо тамоми зебоияш тараннум месозад.

Ташрифи Шуморо ба Озарбойҷон, ба Боку аз 1 то 3 марти соли 2023 барои иштирок дар Ҳамоиши Гурӯҳи тамоси Ҷунбиши давлатҳои бетараф бинобар мубориза бо COVID-19 олӣ арзёбӣ намуда, мулоқотамонро бо Шумо дар муҳити эътимоди ҳамдигар бо қаноатмандӣ ба ёд меорам.

Боварӣ дорам, ки ба хотири халқҳои бародарамон, ки молики мероси ғании маънавӣ мебошанд, мо кӯшишоти муштаракро ба хотири ҳифз ва ба таври ҳамеша мустаҳкам намудани шарикӣ ва ягонагиамон бомуваффақият идома мебахшем.

Дар ин рӯзҳои бебадал ба Шумо ва хонаводаи Шумо тандурустии мустаҳкам ва бахт, инчунин дар фаъолияти баланди давлатӣ ба хотири шукуфоии Ҷумҳурии Ўзбекистони бародар комёбӣ орзумандам.

*Бо эҳтиром,*

**Илҳом АЛИЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ...
Ба саҳро рав, ки аз доман ғубори ғам биафшонӣ,
Ба гулзор о, ки аз булбул ғазал гуфтан биёмӯзӣ.

*(Ҳофизи ШЕРОЗӢ)*

Ба ман хеле хушоянд аст, ки Ҷаноби Олӣ ва мардуми азизи кишваратонро ба муносибати бедоршавии табиат, оғози соли 1402-и ҳиҷрии шамсӣ ва фарорасии Наврӯзи бостонӣ аз самими қалб табрик мегӯям.

Баҳор давраи таҳаввулоти модар-замин ва табиат, мавсими таҷдид ва эҳё, нишонаи майлу хоҳиши мардуми мутафаккир барои шинохти бузургии Худованди мутаъол бо тафаккури зебоиҳои олам аст. Наврӯз, ки рамзи фарҳангу тамаддуни ғании дорои таърихи ҳазорсола ва ҷашни бостонии саршор аз меҳрубониву ғамхорӣ аст, ин рӯйдодест, ки аз меҳру муҳаббат, нишони сабзу покизашавии табиат, бедории дилҳо ва нишон додани неъматҳои адонашавандаи қудрати Офаридгор хотиррасон мекунад.

Ба шарофати Наврӯзи дурахшон дар мардуми мо ва қалби онҳо дигаргуниҳои бузург ба амал меоянд. Умедворам, ки тавассути тавсеа ва амиқтар шудани равобити дӯстона миёни кишварҳоямон мо ба воситаи умумияти чандинасраи таърихию фарҳангӣ, ки бо решаҳояшон дар Наврӯз мерасанд, ба сӯи пешрафту шукуфоии мардумонамон қадам мегузорем. Ҷумҳурии Исломии Эрон барои таҳкими сулҳу субот дар минтақа ва ҷаҳон омодаи ҳамкориҳои минбаъда бо тамоми кишварҳои фазои фарҳангии Наврӯз аст.

Аз даргоҳи Худованди мутаъол ба Ҷаноби Олӣ саломатӣ ва комёбӣ ва ба мардуми дӯсту бародари Ҷумҳурии Ўзбекистон хушбахтиву шукуфоӣ таманно дорам, ки соли нав барои ҳама соли пурфайзу баракат бошад.

**Иброҳим РАИСӢ,**
**Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон**

***

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва барокотуҳ.

Бо камоли мамнуният ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, салом ва орзуҳои самимӣ мефиристем, ба Шумо барори кор ва комёбӣ орзу мекунем.

Дар робита ба ҷашни Наврӯз аз даргоҳи Худованд таманно дорем, ки соли равонро соли пурфайзу баракат гардонад, то ба тамоми кӯшишҳоятон баҳри рушди кишвару мардум комёбӣ ҳамроҳӣ кунад ва ба Шумо умри дарозу саодатмандӣ ато намояд.

Ид муборак!

Бо эҳтироми самимӣ,

**Шайх Муҳаммад бин Рошид Ол МАКТУМ,**
**Ноиби президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳокими аморати Дубай**

Ҳамчунин табрикоти худро инҳо фиристоданд:
*Президенти Ҷумҳурии Туркия* ***Реҷеп Таййип Эрдоған,***
*Подшоҳи Арабистони Саудӣ* **Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд,**
*Президенти Гурҷистон* ***Саломе Зурабишвили,***
*Президенти Республикаи Ироқ* ***Абдулатиф Рашид,***
*Валиаҳд, Раиси Девони Вазирони Арабистони Саудӣ* **Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд,**
*Котиби генералии Созмони кишварҳои туркӣ* ***Кубаничбек Омуралиев,***
*Котиби генералии Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ* ***Хусрав Нозирӣ,***
*Раиси Идораи мусулмонони Қафқоз Шайхул-ислом* ***Аллоҳшукур Пошшозода.***
*Амвоҷи табрикот идома доранд.*

Абдулло СУБҲОН

НАВРӮЗИҲО

## ЧОР ҚАТРА

*Аё булбул, нигар бар роғи қалбам,*
*Саро шӯридатар дар боғи қалбам.*
*Садои ту, аё мурғи хушилҳон,*
*Бувад марҳам ба дарду доғи қалбам,*

***

*Баҳор асту баҳори умри мо ку?*
*Фазои беғубори умри мо ку?*
*Чаридан дошт дар паҳнои сабзе,*
*Саманди беқарори умри мо ку?*

***

*Баҳор асту баҳорам ёд омад,*
*Гули рӯйи нигорам ёд омад.*
*Канори ҳам чу дидам ошиқонро,*
*Ба ӯ бӯсу канорам ёд омад.*

***

*Биборид аз баланди Дӯст борон,*
*Ки оби лутфу меҳри ӯст борон.*
*Ту гӯӣ чангу гарди ҷурмҳоро,*
*Зи рӯйи барги дилҳо шуст борон.*



*Баробари фаро расидани баҳори хуҷастапай Наврӯзи оламафрӯз дар мамлакати мо васеъ ҷашн гирифта мешавад. Дар асоси қарору супоришоти ҳукумат, ҳокимияти маҳаллӣ бо мақсади дар руҳияи ватанпарварӣ тарбия намудан ва тарғиб намудани анъана, урфу одат ва арзишҳои миллӣ дар байни ҷавонон дар 4-сектори ноҳияи Бӯка зери шиори «Сайри суманаки ҷавонон» чорабиниҳо баргузор шуд. Дар ҷашнвора шеърхонӣ, баҳсу мунозира, бозии интеллектуалии «Заковат», намоиши расмҳо, мусобиқаҳои варзишии шоҳмот, стреетворкаут, мини-футбол, бозиҳои миллии халқӣ, байни ҷавонон озмуни ошпазӣ, барномаи консертӣ гузаронда шуданд. Ба наздикӣ бошад, дар варзишгоҳи марказии ноҳия Наврӯзи оламафрӯз васеъ ҷашн гирифта шуд. Майдони варзишӣ, ки ба ҷашни қадимии мо хос оро дода шуда буд, аз ҷониби корхонаву ташкилот, ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо ва хоҷагиҳои фермерӣ дасторхони наврӯзӣ бо таом ва шириниҳои гуногун, суманак ва ғайра меҳмононро ба худ ҷалб месохт. Барномаи консертии эстрадаи ҷумҳурӣ ба ҷашнвора шукӯҳи тоза бахшид.*

**Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.**

# ҲАШАРИ УМУМИХАЛҚӢ ДАР БУХОРО

**Ҳашари умумихалқӣ, ки бо мақсади тайёрӣ ба иди умумихалқии Наврӯз, зиёдтар намудани меҳру оқибати байни якдигар ва ҳаммаслакӣ, ободгардонию кабудизоркунии маҳаллаҳою ҷойҳои зисти аҳолӣ таҳти шиори «Маҳаллаи ободу пурфайз – ҳусни диёр» 18 марти соли ҷорӣ дар мамлакат ба амал омад, дар вилояти Бухоро низ бо рӯҳбаландӣ гузашт.**



Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Зарафшон»-и шаҳри Бухоро ба ин муносибат ҷараёни корҳои ободгардонӣ ва ниҳолшинонӣ сурат гирифт. Дар он роҳбарони секторҳо, садорату корхонаҳо, намояндагони маҳаллаю аҳли ҷамоат бо сардории ҳокими вилоят Ботир Зарифов иштирок карданд. Дар натиҷа қариб ҳазор бех ниҳолҳои мевадору манзаравӣ шинонда шуда, пояи дарахтон бо оҳак сайқал ёфт, ҷӯйҳо тоза карда шуда, гирду атрофи қитъаҳо ба тартиб даровarда шуданд.

***

Дар ин гуна тадбир кормандони низоми садорати маданияти вилоят, 13 шуъбаи шаҳрию ноҳиявӣ, 49 маркази фарҳанг, 18 мактаби мусиқию санъати бачагон, маркази захираҳои ахбори нобиноён, инчунин, ҷамоаи 3 таълимгоҳи ихтисосонидашудаи санъат низ фаъолона иштирок карданд. Дар ҷараёни ҳашар вобаста ба шароит ва иқлими ҳудудҳо 1150 бех дарахтони манзаравӣ, 1244 бех ниҳолҳои боровар шинонда шуданд. Ба ғайр аз ин, қисми муайяни биноҳо, роҳҳо, пояи дарахтон сафед карда шуданд. Ба дарахтон шакл дода, дар қитъаҳо гулҳо корида шуданд. Таълимгоҳу муассисаҳо намуди идона гирифтанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# СИНТОБ МАҚОМИ САЙЁҲӢ ГИРИФТ

Дар ин деҳаи дурдасти кӯҳӣ тадбири идона ва сайри Наврӯзӣ доир гардид.

*Он гӯша, ки гулшан аст, Синтоби ман аст,*
*Орои рӯҳу тан аст, Синтоби ман аст.*
*Он ёри басо азиз, к-андар ҳама умр,*
*Чун дил ба бари ман аст, Синтоби ман аст.*

**(ПАЙМОН).**

Оре, гӯшаи зебое, ки шоиронро дар оғӯши хеш парвардаасту бо чаҳ-чаҳи булбулон, манзараҳои дилфиреб, ёнаву ёлаҳо, кӯҳсору чашмасоронаш ҳазорҳо тан одамонро аз дуру наздик мафтун сохтааст, ҳамин Синтоб аст. Имрӯз зодагонаш аз гӯшаву канори мухталиф ба зиёрати зодгоҳи худу аҷдоди хеш меоянд. Ба қавли шоир Паймон:

*Бар ту қабл аз Ҳаҷҷи акбар, Ҳаҷҷи асғар мекунанд,*
*Мардуми дур аз канорат, марду зан, Синтоби ман...*

Ҳамаи деҳоти кӯҳпояи Нурато табиати зебо, ҳавои тоза, оби софу зулол доранд. Дар чор фасли сол аз ҳар куҷо мардум барои даме бошад ҳам истироҳат кардан ба ин гӯшаҳои зебо мешитобанд. Деҳаву деҳкадаҳои тоҷикнишини Порашт, Асраф, Ӯхм, Андаген, Моҷарм, Синтоб, Соб, Симбулоқ ва Эҷ аз ҳамин ҷумлаанд.

Тайи се-чор соли охир барои рушду инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ бо ташаббуси Президент як силсила қарор ва фармону фармоишҳо ба тасвиб расиданд. Ҳатто дар дурдасттарин деҳаҳо ҳам имконияти истиқбол гирифтани меҳмонон – сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд омад. Барои ба деҳаи сайёҳӣ табдил додани якчандтои онҳо корҳои амалӣ оғоз ёфта буданд, инак анҷом ҳам пазируфтанд. Деҳаи кӯҳии Синтоб, воқеъ дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ яке аз онҳост.

Назар ба маълумотҳо панҷ километр дарозии роҳҳои дохилии ин ҷо асфалтпӯш карда шуд. Саросари роҳ сутунчӯбҳои барқии филизӣ насб гардиданд.

Мардуми деҳа ва умуман аҳли маҳаллаи «Синтоб» барои гузаронидани як чорабинии идона хеле омодагӣ гирифтанд. Чанд рӯз пеш бахшида ба мақоми сайёҳӣ гирифтани Синтоб ва таҷлили Иди Наврӯз чорабинии фарҳангиву фароғатӣ ва сайри наврӯзӣ баргузор шуд. Меҳмонони зиёд ташриф оварданд. Майдончаи назди мактаби рақами 38-ум идона оро ёфта шуда буд. Барои тамошобинон хони зиёфат ҳам оростаанд.

Як тараф маҳсули ҳунари ҳунармандони маҳаллӣ, шаҳри Нурато, дар тарафи муқобил намунаҳо аз ҳунари рассомии мактаб-интернати ихтисосонидашудаи санъати вилояти Навоӣ (воқеъ дар шаҳри Нурато) ба маърази тамошо гузошта шуда буданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# ИСТИҚБОЛИ ИДИ НАВБАҲОР

***Толори васеъ чун соҳибҷашн дар либоси баҳорию идона буд.***

Чеҳраи мураббиёну наврасон дар он ҷо пур аз хуррамию шодӣ гашт. Таҳти сардории роҳбари мусиқии муассиса Мафтуна Аҳмедова ва оҳанги баланди мусиқӣ ба толори ороёфтаю зебо бачагон дохил шуданд.

Пас М. Аҳмедова тарбиягирандагони ҳаваскорро ба пешгоҳи толор ҷо ба ҷо карду бо шеъре ҷамъомадагонро бо иди якдилӣ табрик гуфт. Сарвари онҳо директори муассисаи таълими томактабии рақами 54-уми деҳаи Варзик Дилрабо Муъминова ба тадбири пешвозгирии Наврӯзи навбаҳор ҳусни кушоиш бахшида, аҳли ҷамоаро бо он ҷашн муборакбод намуд.

Пас суруду рақсҳо аз ҷониби наврасон намоиш дода шуд. Тантанаи наврӯзӣ дар муассиса бо суруду рақсҳои миллию дилнишин то дер давом кард.

**Ш. МИРЗОЕВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# НАВРӮЗ ДАР ҚАШҚАДАРЁ

Наврӯз аз ҷашнҳои қадимаи мост, ки бо мурури замон ба иди миллии қавмҳои дигари маскуни минтақа низ мубаддал гаштааст. Алҳол миллатҳои зиёдеро метавон ном бурд, ки Наврӯзро таҷлил мекунанд ва ба он арҷ мегузоранд. Дар радифи чандин ҷашнҳои хурду бузурги дигар имрӯз дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол иди Наврӯз бо шукӯҳи хоса таҷлил меёбад ва дар қатори тоҷикону ӯзбекон, ки аз қадимтарин сокинони ин сарзамин ҳастанд, миллатҳои дигар низ ба ҷилои ин ҷашни қадима меафзоянд.

Дар кишвари мо тантанаҳои наврӯзӣ хеле пештар аз расидани ид оғоз меёбанд ва боз рӯзи дигари баъди он низ идома мекунанд. Зеро Наврӯз ягона идест, ки мардум хеле дӯсташ медоранд ва аз таҷлилаш ҳаргиз сар намепечанд. Онҳо чун аҷдоди худ боварӣ доранд, ки бо шукӯҳи хоса ҷашн гирифтани Наврӯз боиси пешрафтҳо ва хурсандиҳо дар давоми сол аст. Мардум баробари хубу хотирмон ҷашн гирифтани Наврӯз аз Парвардигор талаби ризқи фаровон, зиндагии ором, ободу ва серу пурӣ мекунанд. Ин анъанаи аҷдодист. Ҳарчанд Наврӯз аз ҷашнҳои дерпои мардумӣ аст, маҳз дар давроони истиқлолият ҳукумати кишвар аз он ҳимоят карда, таҷлилашро дар сатҳи баланди ҳукуматӣ ба роҳ монд. Олимони ҷомеашинос дар он назаранд, ки чунин чорабиниҳо ба худшиносии мардум мусоидат мекунанд.

Чун дар ҳама вилоятҳои ҷумҳурӣ дар Қашқадарё низ тантанаҳои наврӯзӣ даҳ рӯзи пеш аз расидани Наврӯз ибтидо гирифтанд.



Мардуми шаҳру навоҳии вилоят яке паси дигаре ба ҷашни Наврӯз пардохта, домани хурсандиҳоро васеъ карданд. Дар кулли ташкилоту корхона ва муассисаҳои хурду бузург, маҳаллаҳо, ҷамоаҳои меҳнатӣ Наврӯз ҷашн гирифта шуда, суманак пухтанд ва ин ғизои наврӯзиро чун нишони меҳру муҳаббат ба хонаҳои азизони худ, ба оилаҳои ниёзманд, пирони барҷомонда, беморони бистарӣ тақдим карданд.

Дар 19 шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё таҳти шиори «Ҳар рӯзат Наврӯз бод, Ӯзбекистони Нав!» Наврӯз ба шукӯҳи хоса таҷлил шуд. Бештари тантанаҳои наврӯзӣ дар оғӯши табиат сурат гирифтанд. Ҷашн дар ҳар ноҳия рангу намои махсус дошт.

Аз ҷумла, дар Наврӯзи ноҳияи Деҳқонобод мусобиқаи бузкашӣ доир гардид, ки човандозони моҳир ва ангуштнамои тамоми Қашқадарё ва навоҳии наздики вилояти Сурхондарёро низ гирдиҳам овард.Зойир Алиқулов, ҳокими ноҳияи номбурда кулли мардумро бо Наврӯз табрик гуфт ва аз он изҳори шодмонӣ намуд, ки имрӯзҳо Ватани мо орому осуда асту мардум бо хотири ҷамъ идҳоро таҷлил мекунанд.

Дар ноҳияи Ғузор Наврӯз бо суруду навоҳои мардумӣ оғоз гардида, ҳазорҳо нафарро ба ҷашнгоҳ бозхонд. Ҳунармандони боистеъдод Алиҷон ва Воҳидҷон Содиқовҳо бо сурудҳои хубу ҷаззоб ба мардум кайфияти наврӯзӣ бахшиданд.

Дар аксари ноҳияҳо баробари таранnуми суруду таронаҳои мардумӣ мусобиқаҳои варзишӣ низ доир гардиданд, ки яке аз дигаре ҷозибтар буданд. Дар ноҳияи Қамашӣ «Сайри Суманак» баргузор шуд, дар ин чорабинӣ тамоми раҳбарони секторҳо, муовинони ҳокими ноҳия, сарварони муассисаву ташкилот ширкат варзиданд. Боз як ҷиҳати фарққунандаи Наврӯзи ноҳияи Қамашӣ он буд, ки барои 53 нафар фарзандони оилаҳои аз нигоҳи иқтисодӣ муҳтоҷ тӯйи суннатӣ ё хатнасур ташкил шуд ва барои ҳар кадоми онҳо туҳфаҳои хотирмон тақдим гардид. Дар наврӯзгоҳи ноҳия пуфаки бузурги ҳавоӣ, ки як бари онро парчами Ӯзбекистон оро медоду дарозияш 12 ва бараш 5 метр буд, сар дода шуд.

Бояд таъкид кард, ки дар аксар ноҳияҳои вилоят ба шарафи Наврӯз корхонаҳои нав, биноҳои замонавии ин ё он муассиса бо тантана ба истифода дода шуданд, ки ба мардум чун туҳфаи наврӯзӣ сурур бахшид. Масалан, дар маҳаллаи «Пахтакор»-и ноҳияи Яккабоғ бинои замонавии ҷамоаи шаҳрвандони деҳот ба истифода супорида шуд. Ҳамчунин дар ноҳияи мазкур барои 480 нафар хонанда бинои нави дабистон ба кор оғоз кард. Дар ноҳияи Китоб дар қатори чорабиниҳои басо мароқангези наврӯзӣ «Академияи донишомӯзони иқтидорноки IT» сохта шуда, барои истифодаи умум қарор гирифт. Ин маскани таълимӣ бар ивази 48 миллиард сӯм барпо гардид, ки ташаббускори он Президенти кишвар аст. Дар расми кушоиши он ҳокими вилоят Муротҷон Азимов иштирок карда, таъкид намуд, ки мактаб беҳтарин туҳфаи наврӯзӣ ба мардуми минтақа мебошад.

Тантанаҳои наврӯзӣ чун зинаи ниҳоӣ дар маркази маъмурии вилоят – шаҳри Қаршӣ ҳам баргузор гардид. Дар он аз тамоми қаламрав фаъолони меҳнат даъват шуданд. Наврӯзи вилоятро Муротҷон Азимов бо суханҳои муқаддимавӣ ифтитоҳ намуда, аз бунёдкориҳои арафаи ид ёдовар гашт ва зикр намуд, ки Наврӯзро бояд тавре ҷашн гирифт, то тамоми сол зиндагии мардум ба хурсандиҳо пайванд гардад.

Пас аз барномаҳои консертӣ бо иштироки дастаҳои ҳунарӣ ҳама ба «Сайри наврӯзӣ» даъват шуданд ва намоишгоҳи махсуси намунаҳои ҳунари дастии ҳунармандони минтақа, экспонатҳои вобаста ба таърих, намунаи ғизоҳои мухталифро, ки дар маърази тамошо гузошта шуда буданд, тамошо намуданд.

Наврӯзи вилояти Қашқадарё идома дорад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Туҳфаи Рамазон*

# АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

***Мовароуннаҳр сарзамини донишмандону мутафаккиронест, ки дар рушди фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳони ислом саҳми назаррас гузоштаанд.***

***Алломаи бузурги бухороӣ Имом Аҳмад ибни Ҳафси Кабири Бухорӣ ва шогирдони оламшумули ӯ Имом Бухорӣ ва Имом-ат-Тирмизӣ дар ташаккули асосҳои илмию назарии фалсафаи исломӣ нақши беҳамто доранд. Бухорои Шариф бошад, дар ҷаҳони ислом бо номи «Қуббат-ул-ислом», яъне «Гунбади ислом» маъруфу машҳур аст.***

## Фиқҳшиноси номвари олами ислом

Фиқҳшинос ва файласуфи бузурге, ки дар тамоми олами ислом бо номи Абуҳафси Кабири Бухорӣ маъруф аст, ҳамчун илоҳиётшинос, муҳаддиси бузург, авлиёи беназир, сардафтар ва султони олимон, ҳамзамон устоди Имом Бухорӣ буда, ному насаби пурраи ин донишманд дар манбаъҳои таърихӣ Абуҳафс Аҳмад ибни Ҳафс ибни Зибарқон ибни Абдуллоҳ ибни Баҳр-ал-Кабир-ал-Иҷлӣ-ал-Бухорӣ-ал-Фақиҳ-ал-Ҳанафӣ зикр шудааст. Куняи Абуҳафс ба маънои падари шерҳост, дар ҳоле ки калимаи Кабир маънои бузург, дараҷаи олиро дорад. Нисоби Фақеҳи Ҳанафӣ далели он аст, ки ӯ фақеҳи мазҳаби бузурги ҳанафия аст. Инчунин, дар маъхазҳо ба унвони фахрии «Шайхи Мовароуннаҳр», «Аллома Фақеҳ», «Фақеҳи Машриқ» сарфароз гардонида шудааст.

Абуҳафси Кабир дар соли даргузашти Имоми Аъзам бо Имом Шофеъӣ дар як сол, яъне 150 ҳиҷрӣ (767 милодӣ) дар Бухоро ба дунё омадааст. Дар овони ҷавонӣ бори аввал аз Исмоил ибни Иброҳим (падари муҳаддиси бузург Имом Бухорӣ) дарс гирифт. Дар ҳафтсолагӣ Қуръонро пурра аз худ кард. Баъдан дар Бағдод, ки дар он рӯзҳо пойтахти илму фарҳанги исломӣ маҳсуб мешуд, дар назди асосгузори мазҳаби ҳанафӣ, диншинос, фақеҳ, муҳаддис Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит – шогирди маъруфи Имоми Аъзам (699-767) – Имом Муҳаммад ибни Ҳасан аш-Шайбонӣ (вафоташ – с.804) илми фиқҳро омӯхтааст. Пас аз хатми таҳсил бухориён ӯро бо тантана пешвоз гирифтанд ва аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба мардум хидмат кунад.

Оиди шарҳи ҳоли авлиё ва олимон кадом китоберо варақ назанем, ҳатман дар бораи Абуҳафси Кабир ва Абуҳафси Сағир – фарзанди солеҳ ва пайрави таълимоти ин марди бузург, ба маълумоти арзишманд дучор мешавем. Вақте сухан дар бораи алломаҳои Бухоро меравад, бешак пеш аз ҳама номи муборакі Абуҳафси Кабир зикр мешавад. Асари машҳури «Таърихи Муллозода»-и Аҳмад ибни Маҳмуд «Муин-ул-фуқаро», ки асри XV таълиф шуда, дар он маконҳо ва қабрҳои муқаддаси шаҳри Бухоро ва атрофи он тасвир шудааст, далели андешаи мост. Бахши аввали он «Зикр аз қабрҳои Тали Хоҷа» ном дошта, бо номи Абуҳафси Кабири Бухорӣ, писаронаш ва фақеҳ Абдуллоҳи Супадмунӣ, ки дар паҳлӯи ӯ дафн шудааст ва дигар бузургон оғоз мешавад. Дар ин китоб Ҳазрати Имом чунин васф шудааст: «Шайх, имом, олиму омил (амалкунанда), илму амал, неруи муҷоҳид, сафои ҳол, зуҳд, саховат ва дар ғазот ва баланд бардоштани уммати Худо барҷаста буданд. Раҳму шафқат ва саховатмандии онҳо нисбат ба уммати ислом бемисл буд ва дар сабук кардани бори мардум баробар набуданд».

Дар бораи истеъдоди занони Шарқ дар соҳаи фарҳангу маърифат дар таърих мисолҳои зиёде овардан мумкин аст. Аз ҷумла, занон ба фақеҳи бузург Абуҳафси Кабири Бухорӣ бо маслиҳатҳои худ кумак мекарданд. Имоми бузург, ки аз ин гуна таълимоти хирадмандона дар ҳайрат монда буд, боре ба занаш гуфт: «Эй зан, тири сурохкунанда задаӣ». Яъне дар илми фиқҳу ҳадис низ занон пешвои замони худ буданд ва чун мардум бо саволе оянд, дарҳол чун тири аз камон ҷаста ҷавоб медоданд.

Дар китоби «Салоти Масъудӣ» (асри XIII) дар ривояти зерин омадааст, ки шарики умри аллома ва худи ӯ на танҳо барои саҳобагонаш, балки барои аҳли мазҳаби дигар намунаи поквиҷдонӣ ва покизагӣ будааст: «Ҳазрати Абуҳафси Кабир илм омӯхта, аз Бағдод ба Бухоро омад. Дар он рӯзгор дар Бухоро оташпарастон буданд. Ҳазрати Абуҳафс ба онҳо маърӯза кард ва кӯшиш намуд, ки онҳоро ба дини ислом даъват кунад. Пас занаш аз ӯ мепурсад: «Оё дар умратон боре хӯроки шубҳанок хӯрдаед? Ҳаққи касеро нахӯрдаед? Сухани ин гуна шахсон ба одамон асло таъсир намекунад!» Абуҳафс бо шунидани ин суханон андеша кард ва ногаҳон гуфт: «Дар ҷавонӣ аз боғи ҳамсояи оташпараст як дона сабзаи гандано гирифта будам, аммо пул доданро фаромӯш кардаам». Зан гуфт: «Рафта оташпарастро розӣ кунед, пас аз он ба шумо амри маъруф ҷоиз аст. Дар акси ҳол, касе ба шумо пайравӣ намекунад!»

Абуҳафс ба хонаи ҳамсояаш рафт ва оиди бидуни иҷозат як дона сабзаи хӯрдаашро нақл кард ва нархи он сабзаро пурсид. Он вақт дар бозор нархи як баста сабзаи гандано як сиккаи зард буд, вале баъди баҳсу мунозираи тӯлонӣ оташпараст як ҳамёни тилло мехоҳад. Ҳазрати Абуҳафс розӣ мешавад. Вақте оташпараст ин қиссаро ба ҳамсараш нақл кард, ҳамсараш ӯро сарзаниш кард ва гуфт: «Ин мард аз ғазаби Худо, ки мепарастад, метарсад ва чанд сол пеш гуноҳи содиркардаашро ба гарданаш гирифт. Ӯ розӣ шуд, ки ба ивази як сиккаи зард, як ҳамён тилло диҳад. Эй шавҳар! Вай медонад, ки дини ӯ ҳақ аст. Ба Худо имон оварем ва ба дини ӯ дохил шавем. Биёед мисли ӯ ҳалол ва ҳақгӯ зиндагӣ кунем!» Пас аз он, оташпараст бо тамоми хонаводааш ба ислом гаравид.

Ба шарофати ҳазрати Абуҳафси Кабир, боқимондаи оташпарастони Бухоро низ дини исломро қабул карданд.

Маълум аст, ки Аш-Шайбонӣ таълимоти Абуҳанифаро давом дода, ҳуқуқ ва меъёрҳои шариатро аз ҷиҳати назарӣ асоснок ва ба низом дароварда, дар он қиёсро ба кор бурдааст. Яъне масъалаҳоеро, ки дар Қуръону суннат нест, бо муқоиса ҳал кардааст. Шогирди донишманд Абуҳафси Кабир низ дар асоси таълимоти Абуҳанифа усули истиҳсон ва райро (ба аҳкоми шариат бо ақл наздик шудан), ки яке аз меъёрҳои шариати маҳаллӣ аст, таҳия кардааст. Асосҳои назариявии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии маҳаллиро ба ҳуқуқшиносӣ инкишоф медиҳад. Низоми фиқҳи шариат бар Қуръони карим ва Ҳадиси шариф асос ёфтааст.

(Давом дорад).

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударрисi мадрасаи Мири Араби Бухоро.**




# ҲАМА РӮЗГОРИ ТУ НАВРӮЗ БОД!

Наврӯз – аввали фасли баҳор чаҳ-чаҳи паррандагони хушхон, шукуфоии гулҳои рангоранг, бедории табиат, зебоии олам ва шодиёнаи мардумро пеши назар меорад. Наврӯз ифодагари рамзи якдиливу дӯстии халқҳост.

Мир Алишери Навоӣ дар девони форсӣ-тоҷикии худ дар ин хусус чунин фармудааст:

*Омад баҳори дилкашу гулҳойи тар шукуфт,*
*Дилҳо аз он нишот зи гул бештар шукуфт.*

Мардуми машриқзамин Наврӯзу омадани баҳорро чун тараннумгари ҳаёти нав пешвоз мегиранд. Шоири ширинкалом Сайидои Насафӣ дар ин бора навиштааст:

*Фасли Наврӯз аст, меояд ҳавойи тозае,*
*Булбулу гулро шуда баргу навойи тозае.*

«Наврӯзнома» яке аз асарҳои машҳури Умари Хайёми Нишопурист, ки дар он оиди ба вуҷуд омадани Наврӯз ва ҷашн гирифтани он чунин маълумот дода шудааст: «Наврӯз вобаста бо ивазшавии сол ба вуҷуд омада, рӯзи аввалини фасли баҳор, ки пас аз ҳар як 365-у чаҳоряк шабонарӯз меояд». Дарҳақиқат, оғози Наврӯз пас аз як маротибаи пурра аз гирди Офтоб чарх задани Замин ба амал меояд. Асириддини Ахсикатӣ дар ашъори худ чунин навиштааст:

*Ҳазор мавсими Наврӯзу ҷашни фарвардин,*
*Зи муддати ту замон карда гардиши маҳу сол.*

Дар замони қадим Ҷамшедшоҳ ин рӯзро дарк намуда, онро «рӯзи нав» номид. Пас, мардум ва подшоҳони дигар ба ӯ пайравӣ намуда, бо нияти то Наврӯзи оянда пурнишоту шодон гузаштани рӯзгор онро ҷашн мегирифтанд.

Яке аз шоирони асрҳои XIV-XV Ҳусайни Хоразмӣ (1368-1434) дар яке аз ғазалҳояш хусусияти рӯҳафзоӣ доштани Наврӯзро чунин ба қалам додааст:

*Ид дар мавсими Наврӯз басо рӯҳафзост,*
*Руҳи ҷонбахши раёҳини чаман роҳатзост.*

Эрониён Наврӯзро бедоршавии табиат, гулгулшукуфоии боғу чаман, инчунин, айёми азнав бедоршавии шодию умед дар дили мардум мешумориданд. Аз рӯйи эътиқоди онҳо баробари табиат инсон низ либоси нав ба бар карда, бо рӯҳияву нигоҳи нав бояд ба атроф нигарад. Низомии Ганҷавӣ дар «Ҳафт пайкар» навиштааст:

*Ҷома нав кун, ки фасли Наврӯз аст.*

Бо фарорасии Наврӯз мардум кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки соли навро нисбат ба солҳои пеш хубтару пуробурангтар пешвоз гирад. Аз Офаридгор дуо мекунад, ки ба онҳо соли нави пурбаракотро ато кунад:

*Дида ва дил ҳар ду дар фармони дӯст,*
*Гардиши рӯзу шаб аз тадбири ӯст.*
*Эй, ки дигаргун кунӣ аҳволи мо,*
*Ҳоли мо онгуна гардон, ки накӯст.*

Дар қадим вобаста ба Наврӯз анъанаву урфу одатҳои зиёд мавҷуд буданд. Баъзеи он бо мурури замон аз байн рафту баъзеаш то ҳол нигоҳ дошта шудааст. Адиб Собири Тирмизӣ (1078-1147) дар яке аз ғазалҳояш арзишу аҳамияти Наврӯзро чунин эътироф намудааст:

*Гар фахри рӯзгор ба Наврӯз хуррам аст,*
*Ин рӯзгор фахри ҳама рӯзгорҳост.*

Ҷашни Наврӯз бо урфу одатҳои тоза кардани хонаву гирду атрофи он, сабзасабзонӣ, хариди маҳсулоти солинавӣ, оростани дасторхони «Ҳафт син», дидорбинии волидону хешутабору дӯсту рафиқ, хабар гирифтан аз ҳоли беморон, мушоираи наврӯзӣ, оштӣ шудани нафароне, ки созиш надоштанд, дилхушиву истироҳат пешвоз гирифта мешуд. Сайфи Фарғонӣ зебоиҳои Наврӯзро чунин эътироф намудааст:

*Баҳор омад ва гӯё, ки боди наврӯзӣ,*
*Фишонда мушк бар атрофи боғи пирӯзӣ.*

Ҷашни Наврӯз рамзи хушнудии аҳли олам мебошад, ки бо умед, дӯстӣ, ишқ, меҳру муҳаббат, фаровонӣ, якдиливу осоиштагӣ бунёд мегардад.

Ба муносибати Наврӯзи оламафрӯз ба аҳли оилаатон хушиҳои олам ва хонаободӣ металабам, чуноне ки Фирдавсии бузург фармудааст:

*Ҳама солу бахти ту пирӯз бод,*
*Ҳама рӯзгори ту Наврӯз бод.*

**Ҳамид НАЙИРОБОДӢ.**
**Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ӯзбекистон.**

*Ӯзбекистон — маъвои умумии мо*

# БАҲОР ВА ҲАМБАСТАГИИ МИЛЛАТҲО

***Дар маҳаллаи Елхони ноҳияи Давлатобод ҷашни Наврӯзи ҷаҳонафрӯз таҷлил гардид. Гузаштагони мо аз азал моҳи аввали баҳорро бо кайфият ва эътибори махсус пешвоз гирифта, онро «моҳи муборак», «моҳи умеду орзуҳо» номидаанд.***

Ибтидои мавсими нави деҳқонӣ, рамзи файзу барака ва ободиву фаровонӣ, яъне ҷашни Наврӯз дар маҳалла бо рӯҳи баланд қайд карда шуд. Дар саросари кӯчаи Дӯстӣ маҳсулоти гуногуне, ки соҳибкорони маҳаллӣ ва ҳунармандон истеҳсол кардаанд, ба намоиш гузошта шуданд, намоишгоҳҳои миллие, ки намояндагони маҳаллаҳои ноҳия ва муассисаҳои таълимии он созмон додаанд, баромади варзишгарони ҷавон дар ҷойҳои барои онҳо муқарраршуда ба тамошобинон кайфияти идона бахшиданд. Сурудҳои занони бадеҳагӯ ҷамъомадагонро ба рақс водор намуданд.

– Ҷашни Наврӯз аз қадимулайём бо анъанаҳои поксозӣ, офарандагӣ ва бунёдгарӣ оғоз гирифтааст. Мардум дар ин айём кинаву адоватро фаромӯш мекарданд, агар бо якдигар қаҳрӣ бошанд, оштӣ мешуданд, нисбати ҳам меҳру мурувват зоҳир мекарданд, ба ҳамдигар хушиву хурсандӣ металабиданд, аз ҳолу аҳволи беморон хабардор шуда ба оилаҳои камтаъмин кумак мерасониданд, – мегӯяд момои Гулчеҳра, ки баҳори 76-умин соли худро истиқбол мегирад. – Мо бояд ин анъанаҳоро ҳифз кунем, онҳоро ба шуури ҷавононамон ҷойгузин намоем, беҳтарин суннатҳоро ба насли оянда талқин созем, аҳамияти маънавии Наврӯз, воситаи муҳими тарбия будани онро хотиррасон кунем. Дар ҷашни имрӯза чунин ҷиҳатҳои неки ҷашн равшан зоҳир гардиданд.

Наврӯз нафақат ҳамчун дӯстии хонаводаҳо, балки боз бо қадриятҳои неке, ки ба ваҳдати халқҳоямон вобаста мебошад, азиз аст. Иштироки марказҳои миллии вилоят ба ҷашн ҳусни дучанд бахшид. Намояндагони ба миллатҳои тоҷик, рус, куриё ва қирғиз мансуби ноҳия бо сару либосҳои зебову рангоранг, намоишгоҳҳои миллӣ, баромадҳои ба урфу одат ва суннатҳои онҳо хос ба ҷашн шукуҳи тоза бахшиданд.

– Дар маҳаллаи мо 2628 нафар аҳолии асосан мансуб ба миллати қирғиз истиқомат мекунанд, – мегӯяд раиси он Саодат Қӯшмонова. – Онҳо аксаран бо чорводорӣ, боғпарварӣ ва ҳунармандӣ машғул мебошанд. Барои дар хонаводаҳо ҳукм рондани аҳливу осоиштагӣ мавқеи куҳансолонамон беқиёс аст. Дар ин ҷо ғайр аз қирғизҳо тоҷик, рус, куриё, турк, қазоқ, қароқалпоқ, немис ва ҳинд низ зиндагӣ доранд. Аз ҳама муҳимаш дар маҳалла мафҳумҳои миллатгароӣ, нобаробарӣ умуман вуҷуд надорад.

Ҷашни Наврӯзро бидуни суманак тасаввур кардан душвор аст. Дар деги калоне, ки дар хонадони Ашурбек Боганбоев гузошта шуда буд, намояндагони миллатҳои гуногун чун аъзои як оила шоду мамнун ин таоми наврӯзиро омода карданд.

Ҳокими ноҳия Анварҷон Тоҷимирзоев ҷамъомадагонро бо ҷашни Наврӯз самимона муборакбод намуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# Ғазал

*Аз партави хуршед сабзида гияҳҳо дар Замин,*
*Бишкуфта дар гулшан гули садбаргу савсан, ёсамин.*
*Аз абри найсон оби раҳмат залла бандад аз само,*
*Бингар дамида майсаҳо мазраъзамин шуд махмалин.*
*Омад баҳору дар гулистон ғунчаи гул ханда зад,*
*Наврӯзи фаррух чун арӯсони чаман шуд нозанин.*
*Ин абри пурбар зар бирезад ҳар замон бар киштаҳо,*
*То зам шавад бар хони мо нуқлу наво, нони самин.*
*Чун сурма бар чашмон кашад зебо шавад ӯ ончунон,*
*Хубони Яғмо лаб газанд аз ҳусни он заҳроҷабин.*
*Ё раб, чӣ кардам ман надонам дӯсти ман шуд ҳасуд,*
*Ин хору хас тӯҳмат занад аз пушти мо андар камин.*
*Тухми вафо пошам ба марзи бемурувват бешумор,*
*Ӯ меканад нахли вафо ҳаргиз нашуд ёри қарин.*
*Наврӯз шуд дар деҳи мо, омад баҳори ошиқон,*
*Имрӯз наврӯзӣ бидеҳ аз оразат, эй ҳури ин.*

**Малик КАБИРОВ.**

# БОБО БИДЕҲ НАВРӮЗИЯМ...

*(Тарона)*

Биё, Наврӯзи оламафрӯз, хуш омадӣ!

Туро, туи хуҷастапайро пазмон шудам. Медонӣ, туро бори нахуст дар деҳаи кӯҳии биҳиштосо, ки дар шаддаи қаторкӯҳҳои Нурато ба назарам мисли ёқут метобад, пешвоз гирифтаам. Чӣ завқе дошт он истиқбол!

Бо омадани ту деҳа аз хоби зимистон бедор мешуд, пур аз савту садо мегардид. Ҳаёҳу ва ғиреви бачаҳо зиёд мешуд. Суруди «Баҳор омад» дар паси гӯшҳо танин меандохт:

*Лабханди хуршеди ҷаҳон,*
*Ҷону ҷаҳонафрӯз шуд.*
*Фасли зимистон даргузашт,*
*Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.*
*Омад дами фирӯзиям,*
*Бобо бидеҳ наврӯзиям!*
*Фасли баҳорон зад ливо,*
*Бар қуллаву пирӯз шуд,*
*Бин лашкари сармо гурехт,*
*Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.*
*Омад дами фирӯзиям,*
*Додо бидеҳ наврӯзиям!*

Он ҳама завқро ту дар дили мо ҷо карда будӣ. Бо омадани ту майсаҳо аз замин рӯида ба гилеми сабзи густурда монанд мешуданд, гоҳо вақти пудиначинӣ рӯйи майсаҳоят ғел мезадем, аз гулу алафҳоят гултоқӣ бофта ба сар мегузоштем, бойчечак, қоқу, гули хуршед нахустин гулҳои ту буданд...

Наврӯз, эй пайки баҳор! Ту бо худ селаи мурғони баҳориро меовардӣ, хониши кабкат ҳуши моро мерабуд, парасту дар айвони хонаамон лона мегузошт. Момоям парастуи туро мурғи биҳиштӣ мегуфт, вақте ба даҳони чӯҷаҳояш ризқашонро медод, вай мегуфт: шумо ҳам чӯҷачаҳои ман ва падару модари худ ҳастед. Бо ин суханонаш меҳрамон ба ӯ ва падару модарамон зиёд мешуд. Хурду калон ба кабку парасту ва мусичаи ту дил баста будем.

Наврӯз, бо омадани ту рӯзу шаб баробар мешуд, чашмаҳо чашм мекушоданд, рӯди деҳа ба хониш медаромад. Гулҳои рӯёндаи ту чӣ қадар зебо буданд, гулпаракҳоят зеботар аз онҳо. Мо, духтарон аз паси гулпаракҳо бо завқи беандоза медавидем, вале дошта наметавонистем...

Момоям зери партави офтоби заррини ту нишаста кашида ва қуроқдӯзӣ мекард, кашидаҳояш сурати майсаву гулҳои туро доштанд. Ба мо дӯхтан меомӯхт. Пичакҳои алафине, ки модарам аз гиёҳҳои ту омода мекард, хеле гуворо буданд. Таъми онҳо дар даҳонам мондааст. Дунёи гирдгардон, имрӯз фарзандону наберахоям дархост менамоянд, ки аз гиёҳҳо бароящон пичак пазам...

Наврӯз, бо омадани ту дили мо – духтарони қадрас аз муъҷизаи илоҳӣ – ишқ, муҳаббат ва дӯстдорӣ лабрез мешуд. Ба ҳаққи ҷавонписарони деҳа дубайтиву таронаҳои ошиқона ирсол менамудем.

Бо омадани ту ба хонаи духтарони бафотиҳа идӣ – лаълиҳои қатламаю чалпак, нонҳои башир, ҳалвою қанд ва либосвориҳо мефиристанд.

Ёд дорам, модарон ба истиқболи ту гандум рӯёнда, бо ниятҳои нек дар дегҳои калон то субҳ сурудхонон суманаки хушрангу ширадор мепухтанд. Мо – духтарон дар пайравии онҳо мерақсидем, бо ниятҳои нек деги суманакро мекофтем. Занони пурдидаву дар кӯраи зиндагӣ обутобёфтаи деҳа – момои Ойбию момои Иқбол таъкид мекарданд, ки ҳангоми кофтан нияти нек кунед, ки бабахту батахт хоҳед шуд.

Наврӯз, ту ба хонадонҳо нуру сафо, ба дилҳо меҳру вафо меовардӣ. Мардум ба истиқболи ту бо ниятҳои нек либоси нав ба бар мекард, хона метаконд, рӯ ба покию покшавӣ мениҳод, ба якдигар дӯстӣ меварзид...

Наврӯз, ту ба тану дилҳо мадору зӯри тоза мебахшӣ. Бо омаданат байни писарону мардони ҷавон сабқату зӯрозмоиҳо сурат мегирифт, писарон бодбарак мепаронданд, бод онро ба баландиҳои осмон мебурд. Тамошои ин манзара ба мо ва пиру ҷавон завқ мебахшид.

Наврӯз, ту сарчашмаи зебоиҳоӣ. Аз нафаси ҷонбахшат дарахтони бодому зардолу ғарқи гул мешаванд, дарахтони дигар муғҷа баста, барг мебароранд. Шукуфаҳои онҳо ба чашмҳо нур, ба дилҳо сурур мебахшанд...

Манзараҳои нотакрори ту манбаи илҳоми шоирону рассомон ва нависандагон. Онҳо дар пайравӣ ба офаридаҳои ту ба даст қалам мегиранд.

Наврӯзи хуҷастапай ва хуҷастафол, биё, хуш омадӣ! Туро мисли пештара на танҳо дар деҳот ва давраҳои хурд пешвоз мегиранд, ту ба номи қадимиат «Наврӯзи олам» сазовор гаштаӣ. Туро имрӯз дар сартосари олам таҷлил менамоянд. Зеро ту ҷашни нуру сафо, меҳр, сулҳу оштӣ ва ҳамбастагии инсонҳоӣ.

**Саодат РӮЗИЕВА.**



*Озмун*

# ХУШ ОМАДӢ, НАВРӮЗ!

***Ҳар сол Наврӯзи оламафрӯзро бо орзуву ниятҳои нав, бо шаҳомати ҷавонии ҷовидонааш пешвоз мегирем. Дар маркази сайёҳии шаҳри Самарқанд бо ҳамроҳии донишҷӯёни факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов озмуни «Хуш омадӣ, Наврӯз!» баргузор гардид. Дар тадбир устодони донишгоҳ, журналистон, сайёҳон иштирок доштанд.***

Озмун аз се самт иборат буд: дар самти аввал, яъне шиносоиро бо анъанаҳои миллӣ оғоз карданд. Дар самти дувум аз сурудҳои мавсимӣ, фолклори тоҷик саҳначаву сурудҳо намоиш доданд.

Роҳбари Маркази миллӣ-мадании тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд Акбар Маҳмудов иштирокдоронро бо Иди Наврӯзи олам табрик гуфт. Ба донишҷӯёни фаъол китоби «Наврӯзи Аҷам»-ро туҳфа кард.

Дар самти севум донишҷӯён дасторхони наврӯзиро бо таому ашёҳои «Ҳафт шин» ва «Ҳафт син» оростанд, ки ҳар кадоми он рамзи худро дошт:

Шарбат – рамзи истироҳату фароғат
Шир – рамзи покӣ
Ширинӣ – рамзи нишоту зиндагӣ
Шакар – рамзи қаноат
Шона – рамзи ҳусну ҷамол
Шамъ – рамзи Офтобу рӯшноӣ, ғалабаи Нур бар Зулмот.
Шиннӣ – рамзи сабру таҳаммул

***

Суманак – рамзи киштукор ва хуррамӣ
Сирко – рамзи сабру таҳаммул
Санҷид – рамзи дороиву сарват, сериву пурӣ
Себ – рамзи ҳусну ҷамол
Сир – рамзи қаноат
Сипанд – рамзи тансиҳатӣ, эминӣ аз чашми бад
Сӯхон – рамзи устувориву бурдборӣ.

Аъзоёни ҳакам дасторхони наврӯзиро аз назар гузаронида, озмунро ҷамъбаст карданд. Дӯстӣ ғалаба кард. Аз тарафи донишгоҳ ба ғолибон диплом ва тӯҳфаҳои хотирмон супорида шуд.

Тадбир бо рақсу сурудхонӣ анҷом ёфт.

**Асал САРХАТЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# СИНТОБ МАҚОМИ САЙЁҲӢ ГИРИФТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Ҳунармандони мо сӯзанӣ ва ҳар гуна қуроқу ҷилдҳои болин ва кӯрпача овардаанд, – мегӯяд зимни суҳбат роҳбари шуъбаи ноҳиявии Иттиҳоди «Ҳунарманд» Заррина Сафарова. – Қариб 300 нафар ҳунармандон номнавис шудаанд ва аллакай ба комёбиҳо низ ноил гаштаанд.

Дар саҳна гурӯҳи ҳунарии «Чӯли Ироқ» ва дастаи халқӣ, фолклорию этнографии «Нурҷаҳон» бо навбат ҳунарнамоӣ карданд.

Ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев дар маърӯзаи хеш аз боби бунёдкориҳое, ки дар деҳа ба хотири рушду инкишоф додани соҳаи сайёҳӣ ба сомон расонида шудаанд, чанд ҳарф зад. Назар ба таъкиди ӯ, ду пули ларзон барои пиёдагардон аз нав сохта шуд. Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба сӣ адад расид. Аҳолии маҳал дар хонаҳои худ гилембофӣ, қуроқдӯзӣ, ширдӯшиву қуруттайёркунӣ ва дигар ҳунарҳоро ба роҳ мондаанд, ки ҷамъ 15 намуди хидматрасонии сайёҳиро ташкил медиҳад, – афзуд ӯ.

Мудири шуъбаи Вазорати туризм ва мероси фарҳангии ҷумҳурӣ Лола Зикруллоева ба раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Синтоб» Мурод Мирзоев ҳуҷҷатро бобати мақоми сайёҳӣ гирифтани деҳаи Синтоб супурд.

Сипас тасмаи рамзиро буриданд.

– Корҳои ободонӣ аз соли 2020 инҷониб идома доранд, – мегӯяд Мурод Мирзоев. – Барои бунёдкориву ободиҳо ҳашт миллиард сӯм маблағ харҷ шуд. Аз соҳибкорон Гулмурод Зарифуллоев («Синтабистон» – номи хона-меҳмонхонаи ӯ), Зокир Элмуродов («Манзараҳои Синтоб»), Шодибой Бобоев («Шахи Мустафо»), Бекмурод Амонов («Харсанги калон») дар ҷодаи рушду инкишофи сайёҳӣ фаъолияти хуб доранд.

– Дар давоми соли 2022 ба ин ҳудуд 300 ҳазор нафар меҳмонони дохилӣ ва 2,5 ҳазор сайёҳони хориҷӣ ташриф овардаанд, — гуфт ҳангоми суҳбат ҷонишини роҳбари Раёсати сайёҳӣ ва мероси фарҳангии вилояти



Навоӣ Дилшод Хоҷаев – Сайёҳонро бештар манзараҳои деҳа, чашмасорон, кӯҳсории он, боқимондаҳои Қалъаву ғор, зиёратгоҳҳо, кӯли воқеъ дар баландии 1650 метр аз сатҳи баҳр дар Фозилмон мутаваҷҷеҳ месозанд.

Синтобро барои дарёфти «Беҳтарин деҳаи сайёҳӣ» ба рӯйихати Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ ворид намудем.

– Ман аз Маскав омадам. Бори дуюм аст, ки меҳмони ин деҳаи кӯҳӣ ва зебостам,– мегӯяд сайёҳи хориҷӣ Ваня Кривошеев. – Манзараҳо, кӯҳсорон, боғҳо, сарсабзиҳои он ба мо хеле маъқулу мақбуланд.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ҳамагонро бо ин рӯзи фирӯз, Наврӯзи оламафрӯз табрику таҳният гуфт. Ӯ иброз дошт, ки халқҳои ӯзбеку тоҷик бародарвор чунин чорабиниҳои идонаро созмон дода, онҳоро пуршукӯҳ таҷлил менамоянд. Вай ба мактабҳои тоҷикии деҳа китобҳои бадеӣ армуғон намуд.

Устод Абдулло Субҳон – ҳамкори мо ҳам ба Ватани бобоӣ ҳисси эҳтиром дорад. Ӯ мегӯяд:

*Файзу тараби замини аҷдод дигар,*
*Он ҷо нафаси обу дами бод дигар.*
*Мегуфт падар бар мани саҳрозада,*
*Синтаб дигар асту Сайҳунобод дигар.*

Ӯ ба саҳна баромада аз ободониҳо, зебоиҳои диёр, неъмати дӯстӣ, баҳору Наврӯз чанд сухан гуфт. Шеърҳо қироат намуд.

Чемпиони ҷаҳон оиди шоҳмот дар байни ҷавонони ногиро Сироҷиддин Зайниддинов ҳамроҳи падараш омада аз ҳусну ободониҳои ватани бобоӣ ҳисси ифтихор кард.

Чорабинии идона бахшида ба мақоми сайёҳӣ гирифтани деҳаи Синтоб якҷо бо сайри наврӯзӣ хеле хотирмон буд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4638 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.00



**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.



Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.